*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳалаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович дар мавзуи “Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ, пешниҳод гардидааст.**

Дар шароити модернизатсияи иқтисодиёт истифодаи самараноки иқтидори креативии қувваи корӣ ва даъват кардани онҳо ба соҳаҳои гуногун таҳлил ва такмили ҳамаҷонибаро талаб мекунад. Иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар шароити кунунии бозори меҳнат вобаста аз хусусиятҳои ҳаматарафаи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол, сатҳи тақозои бозор ба сифати миқдории аҳолии дар иқтисодиёт машғул, сатҳи зудҳаракатии қувваи корӣ вобаста ба иҷрои қобилияти корӣ, чандирӣ, қобилияти ташкилӣ ва таъмини қувваи корӣ бо ҷойҳои корӣ ва дигар унсурҳои сифатӣ, ки барои истеҳсоли мол ва хизматҳои илмталаб зарур мебошад, мушаххас карда мешавад. Маҳз барои ҳамин, рақобатпазирии иқтидори креативии қувваи корӣ дар бозори меҳнат индикатори муҳимтарини рушди рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва шарти расидан ба параметрҳои рушди устувори он мебошад. Аз ин рӯ, рақобатпазирии иқтидори креативии қувваи корӣ дар ҳама гуна кишварҳои пешрафта ва рӯ ба тараққӣ бо хусусиятҳои ташаккули сармояи инсонии кормандони эҷодӣ, ки рушд ва сифати такрористеҳсоли онҳо бо истифодаи равиши системавӣ ба омӯзиши усулҳои навтарини тайёрӣ ва азнав тайёркунии кормандон, ҷорӣ намудани таҳсилоти давомдор ва сармоягузорӣ ба сифатҳои касбии тахассусии захираҳои меҳнатӣ вобаста аст, комилан асоснок аст.

Дар автореферати диссертатсия асосҳои назариявӣ ва амалии таъмини рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар сатҳи

бозори меҳнати кишвар мавриди таҳлил қарор гирифта, масоили ташаккулёбии он вобаста аз муносибатҳои меҳнатӣ, танзими муҳоҷирати меҳнатӣ (фирори мағзҳо) ва такрористеҳсоли захираҳои инсонӣ ошкор гардида, муайян карда шудааст. Аз ҷумла, таҳлили дар (саҳ.16) оварда шуда аз ҷониби муаллифи автореферат собит менамояд, ки суръати афзоиши табиии аҳолӣ, афзоиши шумораи донишҷӯёни МТОК ва МТМК метавонад ба ҳиссиёти захираи иқтидори креативии қувваи корӣ таъсири мусбӣ расонида боиси мувозинати бозори меҳнат гардад.

Аҳамияти илмӣ-амалии таҳқиқотро натиҷаҳои илмию амалии таҳқиқи бисёрсолаи муаллиф оид ба асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат дар бар мегирад. Муқарраротӣ илмӣ ва тавсияҳои амалии дар кори диссертатсионӣ таҳияшуда имкон медиҳанд, ки дар сатҳи нисбатан баланди илмӣ-амалӣ, ҷанбаҳои назариявӣ-амалии бозори меҳнат ва ҳалли масоили бозори меҳнат, ки дар алоқамандӣ бо ташаккул ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ҳалли ҳамасамтаи худро ёбанд.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович дар мавзуи “Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ, пешниҳод гардидааст, хело муҳим ба ҳисоб меравад.

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқот исбот намудааст, ки дар марҳилаи муосир яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти эҷодӣ, фарҳанги эҷодӣ низ ба ҳисоб меравад, ки мустақиман татбиқи сиёсат ва дастгирии давлатӣ дар соҳаи фарҳанг, маданият ва рушду ташаккули он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи хоса дорад ва барои баланд бардоштани сифати истеҳсол ва намоиши фарҳанги миллӣ шароити мусоид фароҳам меоварад (саҳ.18).

Аҳамияти амалии автореферати диссертатсия аз он иборат аст, ки оид ба ташаккули иқтидори креативии қувваи корӣ ва инкишофёбии он, ҳалли баҳодиҳии ҳолати кунунӣ ва асосҳои консептуалии таҳқиқи иқтидори

креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнати мамлакат дар робита ба тағйирёбии вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ: такрористеҳсоли иқтидори инсонӣ ва роҳҳои ҳавасмандгардонӣ аст, пешниҳодҳо сурат гирифтаанд. Аз ин лиҳоз, нуктаҳои асосии илмии диссертатсияро метавон ба сифати асоснокии назариявӣ, илмӣ-амалии таҳқиқоти минбаъда ва ҳалли масоили рақобатпазирии иқтидори креативии захираҳои меҳнатӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд. Аз эътибор дур нест, ҳангоми баррасии кори диссертатсионӣ муаллиф ба ҷанбаҳои назариявӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи илмии муассисаҳои намоёни илмӣ баён гардидаанд, инчунин, ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии кишвар такя намудааст.

Натиҷаҳои муҳим ва илман асосноки диссертатсия ва пешниҳодҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалиявӣ асос ёфтаанд. Маҷмӯи охирсухани пешниҳодшуда фарогири натиҷаҳои илмии таҳқиқот буда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили муносиби маводи таҳқиқӣ омода карда шудаанд.

Аз ҳамин нуктаи назар метавон чунин хулоса баровард, ки кори диссертасионии Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович аҳамияти муайяни илмию амалӣ дорад. Махсусан, имконияти истифодашавандагӣ доштани натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли масоили ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ ва таъсири он ба рушди рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва шарти расидан ба параметрҳои рушди устувори он зоҳир мегардад.

Дар баробари ин, автореферати диссертатсия аз баъзе норасогиҳо ва камбудиҳо холӣ нест. Аз ҷумлаи он, диссертант дар ҷадвали 4-и автореферати диссертатсия тағйирёбии индикаторҳои асосии соҳаи фарҳангро дар мисоли осорхона ва театрҳои ҷумҳурӣ баррасӣ кардааст, аммо ба манфиати кор мебуд агар теъдоди кормандони соҳаи театр ва кино қиёс карда мешуданд.

Қобили қайд аст, ки камбудии пешниҳодгардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии таҳқиқоти диссертатсиониро тағйир намедиҳад.

Аз автореферат бармеояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович дар мавзуи "Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат, дорои арзиши илмӣ-амалӣ буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ба пуррагӣ ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовор барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ, мебошад.

**Муқарриз:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**муовини ректор оид ба робитаҳои**
**байналмилалии Донишгоҳи давлатии**
**ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ризозода Тӯра Раббим**

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд шаҳри Хуҷанд,17-мкр-н, хонаи 1, Телефон: (+992) 3422 23594 E-mail: t_rizokulov@mail.ru

**Имзои д.и.и., профессор Ризозода Т.Р.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДДҲБСТ** **Бобоев А.Х.**

"18" 02 соли 2026